**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент
_____________ Ниёзӣ С.Р.
«____» __________ соли 2026

ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Фозилзода Шерафкан Орзу 23.04.1992 ба дунё омадааст. Мавсуф солҳои 2009-2013 дар Донишкадаи олии сарҳадӣ Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бо ихтисоси афсари хадамоти сарҳадӣ хатм намудааст (диплом ДТО №0140779).

Минбаъд, солҳои 2013-2022 командири қисми таълим, командири взводи 7-уми таълимӣ, сарнозир оид ба идоракунӣ, сарнозир оид ба идоракуии сифати таҳсилот ва бақайдгирии шуъбачаи банақшагирии Донишкадаи олии сарҳадӣ Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли 2022 инҷониб дар вазифаи сардори шуъбачаи банақшагирӣ ва таъминоти методии ДОС КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа менамояд.

Мавзуи рисолаи номзадии Фозилзода Шерафкан Орзухоҷа дар Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 02.11.2021, №8 зери унвони «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) тасдиқ шудааст.

Имтиҳони номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм –“ 4”(хуб) – 15.11.2018
- Забони хориҷи (англисӣ) –“4”(хуб) - 26.11.2019.

Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ( 13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) – “5” (аъло) – 18.12.2025. (ба феҳристи ихтисосҳои нав аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошад).

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №870 аз 26.12.2025 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Давлатшоев И. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Лутфуллоева Парвина - номзади илмҳои педагогӣ, ходими илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Сафарзода Шамсиддин - номзади илмҳои педагогӣ, муовини сардори Маркази таълимии “Дониш” мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулоса пешниҳод намуданд.

Дар баромади худ Фозилзода Шерафкан Орзу дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда, қайд намуд, ки масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир яке аз қисматҳои бисёр арзишманд маҳсуб меёбад. Зеро дар ҳамин давра шахсияти донишҷӯён ташаккул ёфта, ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури мантиқӣ, фикррони мустақил, ақидаҳои шахсӣ, идроки маърифатию ахлоқии онҳо босуръат рушд меёбанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз фазои ягонае, ки масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро фаро

гирифта бошад, ба вуҷуд оварда нашудааст. Барои ташкили он бояд чунон низоми ақидаю муносибатҳо ташкил карда шаванд, ки қоидаю принсипҳои асосии он барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд якхела бошад ва дар тарбияи ҷавонон иҷтимоишавиро таъмин намояд.

Мутаассифона, дар илми муосири педагогӣ на ҳамаи имконоти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода мешаванд, ҳарчанд таваҷҷуҳи ҳукумату давлат ба масъалаи мазкур пурра равона гардидааст.

Иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва фаъолияти маърифатии онҳо аз зуҳури фаъолияти ҳаракатдиҳанда вобаста аст. Иҷтимоишавии донишҷӯён, ки ҳамчун маҷмуи пурраи фаъолияти онҳо ҷудо карда шудааст ва метавонад, соҳаҳои мухталифи рушду фаъолияти инсонҳоро фаро гирад. Инсон худро вобаста аз нақшаҳои худ, самти асосии зандагӣ ва ё мақсадҳои муайян барои даврони ҷудогонаи ҳаёташ тарбия намуда, сифатҳои муайяанеро мақсади худ карор медиҳад.

Масъалаи иҷтимоишавии ҷавонон бо мақсади мутобиқшавии бомуваффақият ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо дар ҷамъият ҳамеша муҳим ба шумор меравад. Дар ин раванд ҷойи муҳимро муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ишғол мекунанд. Иҷтимоишавии донишҷӯён, ташаккули тамоилҳои арзишӣ, муваффақияти шахсӣ ва касбӣ, инкишофи босуръати иҷтимоӣ, шароити иқтисодӣ, ки рушди бомуваффакиятро бештар муайян мекунад, дар назар дорад. Ин масъала дар шароити тараққиёти ноустувори мамлакат, нарасидани дастурҳои ҳаёти устувор барои ҷавонон аҳамияти махсус дорад.

*Мақсади таҳқиқот* аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён ба ҳисоб рафта, ба рушди иҷтимоишавии шахсият таъсир мерасонад.

*Вазифаҳои таҳқиқот* таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани раванди иҷтимоишавиии донишҷӯён; таҳқиқи вокеӣ, қонуният, хусусиятҳои раванди иҷтимоишавӣ бо назардошти донишҳои умумии илмии дар ин соҳа ҷамъшуда; ошкор намудани моҳияти раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; муайян кардани унсурҳои сохтории иҷтимоишавӣ, инчунин мақсадҳо, воситаҳо ва омилхое, ки тахти таъсири онҳо иҷтимоишавии донишҷӯён сурат мегирад; ба роҳ мондани асосҳои консептуалии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси заминаҳои

назариявӣ ва методологӣ; муайян намудани маҷмуи шароити педагогӣ барои иҷтимоишавии донишҷӯён ҳамчун модели асосии татбиқи асосҳои консептуалии иҷтимоисозии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; санҷиши самаранокии шартҳои педагогии интихобшуда дар раванди иҷтимошавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври таҷрибавиро дар бар мегирад.

*Объекти таҳқиқот* раванди иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосирро дар бар гирифтааст.

*Мавзуи таҳқиқот* асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

*Навгониҳои илмии таҳқиқот дар чунин шакл пешниҳод шудаанд:*

- нахуст, заминаҳои назариявии равандҳои иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ ва таҳлил гардида, асосҳои методологии он муайян шуданд;

- моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён дар омодагии онҳо барои амалигардонии нақшҳои иҷтимоӣ – аз қабили мутахассиси соҳибтахассус, шаҳрванди фаъол, узви оила ва иштирокчии ҳаёти ҷамъиятӣ – ифода меёбад;

- мақсад ва муҳтавои раванд ҳамчун ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ тафсир ёфт, ки он дорои маҷмӯи муносибатҳо, дониш, малака ва хислатҳое мебошад, ки барои фаъолияти босамар дар муҳити иҷтимоӣ заруранд;

- принсипҳои ташкили ҷараёни иҷтимоишавӣ таҳия ва асоснок гардиданд. Онҳо робитаи созандаи анъанаҳои тарбиявии гузашта, ниёзҳои воқеии ҷомеаи имрӯза ва дурнамои рушди иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ин раванд ҳамзамон таҷрибаи меросгирифта ва мутобиқшавии фаъоли донишҷӯён ба замони муосирро фаро мегирад;

- дар натиҷаи таҳқиқ, амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия гардид, ки метавонад ҳамчун воситаи методологӣ барои арзёбӣ ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шавад.

*Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда*

1. Дар иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мо татбиқи асосҳои педагогӣ ва раванди фароҳам овардани шароитро барои аз худ кардани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ (аз ҷумла, мутахассис, корманди иҷтимоӣ, оиладор) дар ҷараёни мутобиқшавӣ ва ҳамгироӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути худшиносӣ ва рушд дар назар дошта шудааст.

2. Асосҳои консептуалии иҷтимоикунонии донишгоҳ ягонагии ҷузъҳои зеринро ифода мекунанд: моҳияти иҷтимоӣ (шароити мусоид барои раванди аз ҷониби донишҷӯ азхуд кардани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ фароҳам овардан), мақсади он (шахси иҷтимоишудае, ки нақшҳои иҷтимоии донишҷӯро аз худ кардааст, касбӣ, оиладор, фаъоли ҷомеа), мазмуни тахминии раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ҳаҷм ва характери дониш, малака, сифатҳо ва хислатҳои шахсияти барои пурра татбиқ намудани вазифаҳои роҳбарикунанда, идеяи пешбаранда (дараҷаи иҷтимоии донишҷуён бо фаъолияти онҳо муайян карда мешавад), равиши назариявӣ, хусусиятҳои ташкили раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, меъёрҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муносибати арзишнок ба табиат, ҷамъият, ба худ) кифоя аст.

3. Раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо маҷмуи шартҳои педагогӣ муайян карда мешаванд, ки тамоили мусбати рушди раванди иҷтимоишавии донишҷӯёнро таъмин мекунанд ва аз инҳо иборатанд:

- муайян намудани ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳои иҷтимоие, ки дар мазмуни асосӣ ва самти амалӣ ифода ёфтааст;

- ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён дар асоси иҷтимоишавӣ, ки аз тарбияи донишҷӯён таҷрибаи гуногуни иҷтимоӣ (аз ҷумла танзимнашавандаи барномаи таълимӣ) иборат аст;

- ғанӣ гардонидани мундариҷаи қисми тағйирёбандаи стандарти таълимӣ бо курсҳои махсуси тамоили амалӣ, ки ҷузъи асосии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад;

- ҷалби донишҷӯён ба фаъолиятҳои амалии сареъ, ки бо барномаи таълимӣ танзим нашудаанд ва ҷузъи асосии раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд.

4. Дар раванди ғанӣ гардонидани қисми тағйирёбандаи стандарти таълимӣ тавассути курсҳои махсуси амалӣ ва ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ ва амалие, ки бо барномаи таълимӣ мустақиман танзим нашудаанд, заминаи воқеӣ барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ, масъулиятшиносӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандии донишҷӯён фароҳам меорад.

*Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ* дар таҳқиқот дар он аст, ки диссертант дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводҳо бори аввал

бо гузарондани таҳлили системавии проблемаи иҷтимоишавии донишҷӯён, ошкор намудани шароитҳои педагогӣ ва таҳияи амсилаи иҷтимоишавии донишҷӯён, коркарди таъминоти илмӣ - методии раванди иҷтимоишавии донишҷӯён, гузарондани корҳои таҷрибавӣ доир ба амсилаи иҷтимоишавии донишҷӯён ва таҳияи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ нишон додааст.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Давлатшоев И. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Лутфуллоева Парвина - номзади илмҳои педагогӣ, ходими илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Сафарзода Шамсиддин - номзади илмҳои педагогӣ, муовини сардори Маркази таълимии "Дониш" оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқикотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу кори илмии мустақилона баанҷомрасида буда, дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегирад.

[1-М] Фозилов Ш.О. Мустақилияти донишҷу ё талабагон дар раванди таълим [Матн] / Ш.О. Фозилов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2019. №3 (27). – С. 86-91. ISSN 2617-5320.

[2-М] Фозилов Ш.О. Муқарароти консептуалии фаъолгардонии шакл ва воситаҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён ҳамчун системаи

мукаммал [Матн] / Ш.О. Фозилов // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019. №3 (007). – С.137-140.

[3-М] Фозилов Ш.О. Роҳҳо ва воситаҳои фаъолгардонии фаъолияти маънавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби кишвар [Матн] / Ш.О. Фозилов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. №2 (30). – С. 237-240. ISSN 2617-5320.

[4-М] Фозилов Ш.О. Воситаҳои асоси фаъолгардонии фаъолияти маънавии донишҷӯён дар муассисаҳои олии кишвар [Матн] / Ш.О. Фозилов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. №3 (31). – С.174-177. ISSN 2617-5320.

[5-М] Фозилов Ш.О. Робитаҳои байнифаннии донишчуён воситаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии онҳо [Матн] / Ш.О. Фозилов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2021. №2 (34). С.56-59. ISSN 2617-5320.

[6-М] Котибова Ш.П., Фозилов Ш.О. Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир [Матн] / Ш.П. Котибова, Ш.О. Фозилов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2024. №1 (45). – С.135-144. ISSN 2617-5320.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори илмии мустақилона баанҷом расида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9.

Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсионии илмии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 20-уми январи соли 2026 суратҷаласаи №1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 12 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

Имзоҳои Л.М.Иматзода ва Г.Ш.Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

**Нишонӣ:** 734024, ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Тел.: 227-46-00; 227-45-25; Сомона: www.prmatt.tj; E-mail: prmatt@maorif.tj